Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисодии Тоҷикистон бо суроғаи
ш. Душанбе, 734067, кучаи Нахимов 64/14

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ ба кори диссертатсионии Амонзода Анушервон Намоз дар мавзуи «Мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа (дар асоси маводҳои Вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ).**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Соҳа ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ба бандҳои зерини шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мувофиқанд. Аз ҷумла: 1. Инкишофи назарияҳои иқтисодиёти ҳудудӣ ва минтақавӣ; методҳо ва фишангҳои таҳқиқотҳои иқтисодии ҳудудӣ; 14. Идоракунии иқтисодиёти минтақавӣ. Шаклҳо ва механизмҳои ҳамкории мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои тиҷоратӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ. 19. Самаранокии истифодаи омилҳои ис-теҳсолот дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои таш-кил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Бартариҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосири рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, зарурати аз нав дида баромадани ме-ханизми мукаммалгардонии ҷараёнҳои идоракунии минтақавии истифодаи за-хираҳои табиии ҷойдошта дар асоси модернизатсияи иқтисодӣ ба миён омад. Шароити иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки

аксарияти он дар шароити номусоиди табиӣ арзи вуҷуд доранд, механизми ягонаи амалкунандаи истифодаи оқилонаи захираҳои табииро тақозо дорад. Бештари муаммоҳои ҷойдошта би-дуни бехтарсозии ҳудуди иқтисодӣ ғайриимкон аст. Муаммои асосӣ дар сохтори ҳудудии иқтисодиёт истифодаи самараноки захираҳои табиӣ аз ҷониби субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Дар ин раванд модернизатсияи иқтисодии фаъолияти истеҳсоли бахши воқеии иқтисодиёт (саноат ва кишо-варзӣ) ҳисоб меравад. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи комплексии захираҳои табиӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми амалкарди модернизатсияи иқтисодии фаъолияти истеҳсолии субъектҳои иқтисодӣ воба-ста буда, дар асоси он соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ алалхусус (саноат ва кишоварзӣ) фаъолияти худро бо истифодаи захираҳои табиӣ ба роҳ монанд.

Гуфтаҳои боло муҳимият ва мубрамияти мавзуи таҳқиқшавандаро ошкор месозад ва зарурати мукаммалгардонии механизми сохтори ҳудудии иқтисодиётро дар асоси модернизатсияи иқтисодӣ ба миён меорад. Ҳангоми истифодаи ин гуна механизм дар заминаи истифодаи самараноки захираҳои табиӣ манфиатҳои иқтисодии ҳамаи минтақаҳои кишвар бояд, ки ба инобат гирифта шаванд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот дар асоснoксозии ҷанбаъҳои назариявӣ ва амалии инкишоф ва мукаммалгардонии сохтори ҳуду-дии иқтисодиёт дар асоси модернизатсияи иқтисодии бахши воқеии иқтисодиёт муайян гардида, аз унсурҳои зерини навгонии илмӣ иборат мебошанд.

Муаллиф илман асоснок намудааст, ки зарурати ташаккули низоми идоракунии модернизатсияи иқтисодии сохтори ҳудудии иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар асоси механизми ташкилӣ-иқтисодии мукамалсозии сохтори ҳудудии иқтисодӣ ва инноватсионии вилояти Хатлон ба максад мувофиқ мебошад.

Диссертант қайд намдуааст, ки самтҳои ояндадори модернизатсияи иқтисодии сохтори ҳудудии иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар асоси механизми ташкилӣ-иқтисодии мукамалсозии сохтори ҳудудии иқтисодӣ ва инноватсионии вилояти Хатлон муайян карда шуда, ба роҳ мондани таҳлили самтҳои стратегии истифодабарии захираҳои табиӣ ҳамчун омили тағийрёбии сохтори истеҳсоли маҳсулоти бахши воқеӣ дар вилояти Хатлон равона шудааст.

**Таҳлили ҳолати кунунӣ дар асоси модернизатсияи иқтисодии вилояти Хатлон таҳлилу баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ намудааст.**

Диссертант дар кори илмии худ вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд, ки бобати баратаф намудани мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, механизмҳои амалкарди иқтисодиро дар амал тадбиқ намудан зарур аст. Истифодаи модернизатсияи иқтисодӣ ҳамчун механизми истифодаи самараноки иқтидори иқтисодии минтақа ва дарбаргирандаи натанҳо маҷмӯи захираҳо, инчунин тавсифи сифатии низоми иқтисодии минтақа муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Дар таҳқиқот қайд мегардад, ки мавқеи давлат ҳангоми идоракунии раванди модеризатсияи иқтисодӣ пурзӯр карда шавад. Бояд дар назар дошт, ки таҳлили ҳолат, қонуниятҳо ва хусусиятҳои фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ табиатан ба масъалаҳои танзими он, ташаккули механизмҳои самараноки таъсиррасонанда ба талабот, пешниҳоди ғояҳои инноватсионии бо мақсади ноил гаштани модернизатсияи иқтисодӣ оварда мерасонад. Дар шароити рушди нақшавии марказонидашудаи хоҷагии халқ танзими модернизатсияи иқтисодӣ ҷузъи муҳимтарини сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатии равонакардашуда бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти иқтисодӣ аз ҳисоби истифодаи васеи техника ва технологияи навин, ҷалб намудани кормандони дорои тахассуси баланд ҳангоми истифодаи технологияи муосир, истифодаи самараноки захираҳои имконпазир барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ ва дар

маҷмуъ беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақа равона карда мешавад.

Дар таҳқиқоти илмӣ пешниҳод шудааст, ки устувории мавқеи давлат ҳангоми ҷонок намудани раванди модернизатсияи иқтисодӣ дар танзими фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ тавассути қабули қарорҳои дахлдори мақсаднок ҳангоми қабули барномаҳои рушди иқтисодии минтақавӣ пурзӯр карда мешавад. Давлат ҳамчун субъекти асосии танзимкунандаи фаъолият маҷмӯи чорабиниҳои зарурииро роҳандозӣ менамояд, ки он иборат аст аз самтҳои мукаммалгардонии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ.

**Дар муқаддима,** мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум «Ҷанбаъҳои назариявӣ-методологии модернизатсияи иқтисодиёти минтақа»** баъзе равандҳои таҳаввулоти назариявии модернизатсияи иқтисодиёти минтақа, инчунин масъалаҳои марбут ба истифодаи захираҳои табиӣ ва риояи принсипҳои ташаккулёбии роҳҳои ҳалли масъалаҳои стратегии модернизатсияи иқтисодиёти минтақа, амалияи ислоҳоти бозаргонӣ, ташаккули барномаҳои иҷтимоӣ ва сиёсати давлатӣ, инчунин омилҳо, муаммоҳо ва хусусиятҳои стратегии модернизатсияи иқтисодиёти минтақа баррасӣ гардидаанд. Инчунин асосҳои методии тағийрёбии сохтори ҳудудӣ дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа дар ин боб дида баромада шуда аст.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва дигаргуниҳои сохтории иқтисоди миллӣ вазъи иқтисодии минтақаҳои дохили давлат вобаста аз таъсири омилҳои гуногуни иқтисодӣ метавонад тағйир ёбад. Тамоми давлатҳои дунё, алалхусус, Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки тағйирот ва дигаргуниҳои иқтисодӣ ба вазъи иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо таъсири мусбӣ расонанд. Дар ин ҳолат

метавон гуфт, ки ҳолати кунунӣ беҳтар мегардад ва ин ҳолатро дар бештари мавридҳо “модернизатсия иқтисодӣ” ном мебаранд, ки дар иқтисодиёт хусусиятҳои хосро дар худ инъикос менамояд.

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки мар□ила□ои асосии модернизатсияи и□тисод□ ч□ дар сат□и и□тисодиёти милл□ ва ч□ дар сат□и минта□ав□ ва □олати гузариш аз як сат□ ба сат□и дигар та□озо менамояд, ки имконият□ои □ойдоштаи и□тисод□, яъне и□тидори захира□ои таби□-и□тисод□ пурра истифода карда шаванд.Модернизатсияи и□тисод□ аз фаъолияти устувор ва мутавозини рушди и□тимоию и□тисодии минта□а вобастагии ами□ дорад. Дар ин бора олими ватан□ Ма□мадал□ Б.Н. □айд менамоянд, ки “фаъолият ва инкишофи устувори хо□агии хал□ асосан бо таъмини тара□□иёти устувори системаи и□тимоию и□тисодии минта□а□о (дар сат□и мезо) муайян карда мешавад”

**Дар боби дуюм «Таҳлили вазъи ҳозира ва стратегияи таъсири модернизатсияи иқтисодӣ дар вилояти Хатлон»** Таҳлили ҳолати кунунӣ ва самаранокии истифодабарии захираҳои табиӣ дар вилояти Хатлон, муаммоҳои экологии истифодаи захираҳои обӣ дар асоси модернизатсияи иқтисодии намудҳои алоҳидаи фаъолияти иқтисодӣ дар вилояти Хатлон ва арзёбии таъсири модернизатсияи иқтисодӣ ба рушди ичтимоию иқтисодии вилояти Хатлон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Дар боби мазкур махсусан қайд мегардад, ки таҳлили ҳолати муосири вазъи ичтимоию иқтисодии вилояти Хатлон дар асоси гузаронидани модернизатсияи иқтисодӣ муаммоҳои рушди иқтисодиро ошкор сохт ва дар ин асос таъсири модернизатсияи иқтисодӣ арзёбӣ гардид.

Дар шароити муосир барои бартараф намудани таъсири тамоюлҳои манфӣ ва омилҳои тасиррасони рушди ичтимоию иқтисодӣ чорабиниҳои давлатӣ барои рушди ичтимоии иқтисодии минтақаҳо ва баробарии минтақавӣ дар сатҳи макро, мезо ва микроиқтисодӣ мавриди истифода қарор гирифта шуда истодааст.

**Дар боби сеюм «Самтҳои стратегии рушди сохтори ҳудудии иқтисодиёти вилояти хатлон дар асоси модернизатсияи иқтисодӣ»**

масъалаҳои рушди самараноки низоми идоракунии раванди модернизатсияи иқтисодии вилояти Хатлон, механизми ташкилӣ-иқтисодии мукамалсозии сохтори ҳудудии иқтисодии вилояти Хатлон ва самтҳои ояндадори модернизатсияи иқтисодии сохтори ҳудудии иқтисодиёти минтақа аз мавқеи механизми инноватсионӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар боби мазкур сарчашмаҳои дарёфти маблағҳо барои гузаронидани раванди модернизатсияи иқтисодии фаъолияти субъектҳои иқтисодии бахши воқеии иқтисодиёт нишон дода шудаанд ва пешниҳод гардидааст, ки ҳангоми модернизатсияи иқтисодӣ самтҳои афзалиятноки рушди ичтимоию иқтисодии вилояти Хатлон дар давраи дарозмуҳлат муайян карда шаванд.

Диссертант дар кори илмии худ қайд менамояд, ки дар ин бобат лозим аст, ки худи сохтори модернизатсиякунонии минта□а,вилояти Хатлон, стратегияи баргузории худро дошта бошад. Таъсис – ташкили субъекти нав ва ма□сади он□о дигаргунсози□о ва рушди вилоят бошад. Бояд,ки модернизатсия бо истифодаи механизми азхудкун□ инчунин бо □амгирои инноватсионии байни со□ав□ ва дар амал □амгироёна истифодабарии захира□ои таби□ гузаронида шавад. Ма□з, ва□те ки субъект□ои и□тисод□ дар асоси муносибатхои шартномавии дарозмуддат бо корхона□ои хурди инноватсион□ ало□аи зич му□аррар мекунанд,дар ин замина шароити мувофи□и модернизатсиякунонии минта□а стратегияи баргузории худро таъмин намуда, ташкили субъекти нав,масалан парк□ои технолог□, имконият□ои дигаргунсози□ои инноватсиониро дар заминаи ра□амикунонии □араёнгирииинноватсион□ барои дигаргунсози□о ва таъмини рушд омода мегардонад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва нуҳ зербоб хулоса ва пешниҳодҳо иборат буда, номгӯи 142 сарчашмаро дар бар гирифта, дар 179 саҳифаи компютерӣ буда, фарогири 12 ҷадвал, 18 расм мебошад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муқаррароту натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар 7 кори илмии

муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба номгӯи маҷаллаву нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Теъдоди маводҳои чопӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст), мувофикат менамоянд.

**Мутобиқатии барасмиятдарории диссертатсия ба талабот.** Барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу мебошад.

Ба андешаи мо, дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, диссертатсияи мазкур аз як катор камбудихою норасогихо эмин нест:

1.Дар зербоби 1 саҳ 19 Ҷадвали 1.1. Андешаҳои олимон оид ба равишҳои назариявии модернизатсияи иқтисодӣ. Хуб мебуд агар фикру акидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар ҷадвалҳои алоҳида оварда мешуд.

2.Дар зербоби 1.3. (саҳ-48) Расми 1.6. Муаммоҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо. ***Сарчашма:*** Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2016.Ба ақидаи мо расмро давом додан ба мақсад мувофиқ буд.

3. Беҳтару хубтар мешуд агар унвонҷӯ вобаста ба мушкилотҳои ташкили модернизатсияи иқтисодиёти минтақа ҷадвали консептуалӣ ба мақсад мувофиқ пешниҳод менамуд.

4. Сифати рисола хубтар мешуд агар унвонҷӯ дар таҳқиқоти худ таҳлили муқоисавӣ бо дигар минтақаҳо менамуд.

Бо ибрози чунин нуктаи назар метавон гуфт, ки эродҳои пешниҳодгардида ислоҳшаванда ва хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сатҳу сифати корри диссертатсионӣ таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулосаи ҷамъбасти оид ба савзовор донистани довталаб ба дарачаи илмӣ.**

Кори илмӣ- тахкикотии Амонзода Анушервон Намоз дар мавзӯи «Мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа (дар асоси маводҳои Вилояти Хатлон)», дар сатҳи

баланди илмӣ омода гардида, ба талаботҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мебошад.

Муқаризи расмӣ:
номзади илмҳои иқтисодӣ,
директори Донишкадаи такмили
ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои
таҳсилоти олии касбии ДМТ — Махмадизода Ф.Б.

Имзои Махмадизода Ф.Б.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Тавқиев Э.Ш.

Суроға. 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17
Телефон: (+992 - 37) 221-62-25;
Факс (+992-37) 227-15-10
Эл. почта: info@tnu.tj
Сомона: https:// www.tnu.tj.